30 YEARS TOGETHER СОЛ БО ҲАМ

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

HELVETAS TAJIKISTAN

UNDP

# СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА НАФАҚА




**Маърӯзачӣ: Эмомов Умед**
**Тел: +992 981110156**
**Email: umed.xamatarafa@gmail.com**


**Душанбе - 2022**

HELVETAS
TAJIKISTAN

# НАҚША

1. Тартиб ва таъмини ҳуқуқии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ;
2. Ҳуқуқи гирифтани нафақа;
3. Пасандозҳои нафақа;
4. Индексатсияи нафақа;
5. Табдил додани ҳуқуқҳои нафақа;
6. Аз нав ҳисоб кардани нафақа.

# 1.Тартиб ва таъмини ҳуқуқии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ин низоми навъҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи таъмини ашхоси суғурташуда мебошад, ки ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад дар натиҷаи беморӣ, осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, маъюбӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, пиронсолӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, фавтидан, ба нафақа баромадан ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби саҳмҳои ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон иборат мебошад.



HELVETAS
TAJIKISTAN

# КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Сархати сеюми Моддаи 1

“Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад”.

## сархати якуми Моддаи 35

“Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад”.

## Моддаи 39

“Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад”.



Тартиб ва таъмини ҳуқуқии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон бевосита тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ” ба танзим дароварда шудааст. Қонуни мазкур 13 декабри соли 1997, таҳти № 517 қабул шуда, аз 4 фасл ва 30 модда иборат мебошад.

Мувофиқи моддаи 5 Қонуни мазкур суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, тамоми шахсоне, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, ки дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳамаи намуди моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ, шаҳрвандони алоҳида, инчунин ашхосе, ки аъзо ё иштирокчии корхонаҳо мебошанд, дарбар мегирад.



**Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти худро тибқи шартномаи дорои хусусияти гражданию ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, аз ҷумла дар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дипломатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки фаъолияти меҳнатӣ, хоҷагидорӣ ва соҳибкориро (бе ташкили шахси ҳуқуқӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд, мутобиқи Қонуни мазкур бояд таҳти суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ қарор гиранд.**

**Дар ҶумҳурииТоҷикистон суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз тарафи мақомоти ваколатдоре, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, амалӣ карда мешавад, ки он ҳам бошад алҳол ин Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.**



HELVETAS TAJIKISTAN

# КОДЕКСИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## БОБИ 39. СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ

### Моддаи 359. Шаклҳои суғуртаи иҷтимоӣ

1. Суғуртаи иҷтимоии кормандон дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:
- суғуртаи иҷтимоии давлатӣ;
- суғуртаи иҷтимоии ихтиёрӣ.

2. Суғуртаи иҷтимоии давлатӣ ба тамоми шахсоне, ки бо шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, бе истисно дахл дорад. Маблағи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ аз ҳисоби ҳиссаҳое, ки корфармо мепардозад, маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташаккул меёбад.

3. Кормандон ҳиссаи худро ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа бо тартиб ва андозаи муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мепардозанд.

4. Суғуртаи иҷтимоии ихтиёрӣ тавассути фондҳои ғайридавлатии суғуртавӣ, ки аз тарафи ташкилотҳо, коллективҳои шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис ёфтаанд, амалӣ мегарданд.




### Моддаи 360. Намудҳои таъминот аз хèñîáè суғуртаи иҷтимоии давлатӣ

1. Маблағи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ барои кумакпулиҳо (кумакпулиҳои корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, дафн, кумакпулиҳои оилавӣ, дар ҳолати бесаробон мондани оила, мувофиқи саҳми суғурта барои дигар пардохтҳо ҷиҳати тадбирҳои солимгардонию пешгирикунанда (хӯроки парҳезӣ, хизматрасонии тиббӣ), ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, харҷ карда мешавад.

**МУТОБИҚИ МОДДАИ 9 ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**“ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ДАВЛАТИИ ИҶТИМОӢ”**
**ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН НАВЪҲОИ ЗАЙЛИ ТАЪМИНОТ**
**ОИД БА СУҒУРТАИ ДАВЛАТИИ ИҶТИМОӢ МУҚАРРАР ГАРДИДААСТ:**




1. таъминоти нафақа;
2. кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ;
3. кӯмакпулии ҳомиладорӣ ва таваллуд;
4. кӯмакпулиҳои оилавӣ;
5. кӯмакпули ба сабаби бекорӣ;
6. кӯмакпулӣ барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат;
7. хароҷоти маблағҳо барои тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо, инчунин барои татбиқи дигар тадбирҳо, ки ба вазифа ва функсияҳои оид ба ҳифзи меҳнат ва тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо мувофиқ аст;

- иловапулиҳо ба нафақа аз ҳисоби маблағи андӯхти нафақаи ҳисобномаҳои андӯхти инфиродӣ;

Барои ба танзим даровардани суғуртаи ичтимоӣ ба ҳар шахс Рақами инфиродии суғуртавӣ (СИН) дода мешавад, ки он ҳамзамон рақами ҳисобномаи андӯхти инфиродӣ мебошад.

Агентии суғуртаи ичтимоӣ ва нафақа пардохтҳоро аз маблағи андӯхти нафақа ба шахсони суғурташудае, ки ба синни муқарраргардидаи нафақа расидаанд ва тавассути корфармо ё мустақилона бо тартиби муқаррарнамудаи Қонун саҳмҳои нафақа (суғурта)-ро ба ҳисобномаҳои андӯхти инфиродӣ саривақт пардохт кардаанд, таъин ва таъмин менамояд.



# 2. ҲУҚУҚ БА ГИРИФТАНИ НАФАҚА

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи синну сол, аз рӯи маъюбӣ, ба сабаби маҳрум шудан аз саробон ва сабабҳои дигари дар қонунгузорӣ пешбинишуда, ба таъмини нафақа ҳуқуқ доранд.

## ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН НИЗОМИ ЯГОНАИ ТАЪМИНОТИ НАФАҚА ИБОРАТ АЗ НАМУДҲОИ ЗЕРИН АМАЛ МЕКУНАД:

- **таъминоти нафақаи суғуртавӣ;**
- **таъминоти нафақаи давлатӣ.**




## НАМУДҲОИ ЗЕРИНИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ТАЪИН ВА ПАРДОХТ КАРДА МЕШАВАНД:

- **нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол;**
- **нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ;**
- **нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон.**

Таркиби нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ва маъюбӣ аз қисмҳои суғуртавӣ ва захиравӣ иборат мебошад, ки қисми суғуртавии нафақа - вобаста ба ҳаҷми сармояи шартии нафақавӣ, ки дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ бақайд гирифта шудааанд, муқаррар карда мешавад. Қисми захиравии нафақа - вобаста аз ҳаҷми захираҳои инфиродии нафақавии шахси суғурташуда муқаррар гардида, аз рӯи маълумоти дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда мавҷудбуда, ҳисоб карда шудааст.

Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз қисми суғуртавӣ иборат.

# НАМУДҲОИ ЗЕРИНИ НАФАҚАҲОИ ДАВЛАТӢ ТАЪИН ВА ПАРДОХТ КАРДА МЕШАВАНД:

- нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол;
- нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ;
- нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон.

**Нафақаҳои давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур пардохт карда мешаванд.**

**Барои ба танзим даровардани нафақаи шаҳрвандоне, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ, тибқи шаҳодатнома ё патент фаъолият менамоянд, аз тарафи мақомоти давлатӣ созишномаи сеҷониба (Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.04.2015 сол басташуда, амал менамояд. Ҳангоми бақайдгирии давлатии соҳибкорон тавассути Равзанаи ягона ба онҳо Рақами мушаххасси иҷтимоӣ дода мешавад, ки зимни пардохти андози муайяншуда, қисми дахлдори андози иҷтимоӣ ба Рақами мушаххасси иҷтимоии соҳибкор мегузарад, ки дар оянда аз рӯи маблағҳои андухти суғуртавӣ нафақа таъин карда мешавад.**



Кумитаи андоз
Феҳристи ягонаи давлатӣ
махзан (сервер)
Агентии омор
Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа

HELVETAS TAJIKISTAN

Шакли
____________ (вилоят, шахр, ноҳия)
Бо Фармоиши Директори Агентии
суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ шудааст

(раками асноди нафақавӣ)

# РАМЗИ
## Раёсати (шуъбаи) Агентии
## сугуртаи иҷтимои ва нафақаи назди Ҳукумати ИТ дар шаҳри (ноҳияи)

Рмс □□□□□□□□□□□□□□□□

# АСНОДИ НАФАҚАВӢ

___________________________________

(насаб, ном ва номи падари нафақагир)

HELVETAS TAJIKISTAN

Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ба мардҳое, ки ба синни 63 ва занҳое, ки ба синни 58 расидаанд (ба истисснои нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо) ва собиқаи суғуртавии 300 моҳ мардҳо ва 240 моҳ занҳо доранд, таъин карда мешавад.

Барои гирифтани нафақа шаҳрвандон бо ариза барои таъини нафақа аз тарафи шахси суғурташуда ё узви оилаи ӯ бо замимаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, шаҳодатномаи суғуртаи нафақавӣ бо қайди рақами инфиродии шахсӣ аз ҷониби суғурташаванда ё корфармо ба сохтори дахлдори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъминоти нафақа дар ҷои зисти шахси суғурташуда пешниҳод мегардад.

# БАРОИ ТАЪИНИ НАФАҚАИ СУҒУРТАВӢ ПЕШНИҲОДИ ҲУҶҶАТҲОИ ЗЕРИН ЗАРУР АСТ:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- дафтарчаи меҳнатӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқаи корӣ ва собиқаи суғуртавӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси суғуртавӣ;
- дар ҳолатҳои зарурӣ, ҳуҷҷатҳои дигари тасдиққунандаи ҳуқуқ ба нафақа.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки таъминоти нафақаро амалӣ мекунад, ҳуқуқ дорад аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳоеро, ки барои таъини нафақа заруранд, талаб намояд, инчунин асоснокии дода шудани онҳоро санҷад.

Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар шаҳру ноҳияҳо дар муддати 30 рӯзи баъди қабули ариза масъалаи таъини нафақаро баррасӣ намуда, қарор мебарорад.

Ҳангоми рад гардидани ариза дар бораи таъини нафақа дар қарор сабабҳои рад гардидани таъини нафақа пурра нишон дода мешаванд. Сохтори дахлдори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъминоти нафақа вазифадор аст, ки дар давоми 10 рӯзи баъди қабули чунин қарор аз натиҷаи он аризадиҳандаро хабардор намояд.



- Кортҳои миллӣ (пардохти миллӣ)-ба ҳамаи хоҳишмандон барои истифода намудан дохили ҷумҳурӣ, ҳамчунин амалӣ шудани лоиҳаҳои маош бо ташкилотҳои шакли моликияташон гуногун дода мешавад.




Нафақавӣ

## Дар бораи корт

Нафакавӣ (чип) — Корти мазкур барои, нафақаю кумакпулӣ ва дигар маблағҳо ки аз тарафи муассиса (ташкилот ва вазорату идораҳои буҷети) ба нафакагирон ҷудо карда мешаванд пешбинӣ шудааст.

# ГИРИФТАНИ НАФАҚА ВА ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ОН

Нафақаро мақомоти ваколатдори давлатии ҷои истиқомати шахси барои нафақа муроҷиаткарда пардохт ва дастрас менамояд. Нафақа шахсан ба нафақагир пардохт карда мешавад ё ба суратҳисоби бонкӣ (корти бонкии нафақавӣ) гузаронида мешавад.



# ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ АНДОЗАИ НАФАҚА

**Андозаи нафақаи заминавиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.**

**Андозаи нафақаи заминавӣ ба истиқоматкунандагони ноҳияҳое, ки ба музди меҳнаташон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон коэффитсиенти ноҳиявӣ муқаррар гардидааст, дар тамоми давраи зиндагӣ дар ин ноҳияҳо бо истифодаи коэффитсиенти ноҳиявии муқарраршуда муайян карда мешавад.**

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ СОҲА:

Дар Ҷумҳурӣ ба ҳолати – 01.05.2022

Шумораи нафақагирон – 756298 нафар

Андозаи миёнаи нафақа дар ҷумҳурӣ – 320,34 сомонӣ

Андозаи миёнаи нафақаи меҳнатӣ – 393,99 сомонӣ

Андозаи миёнаи нафақаи суғуртавӣ – 302,26 сомонӣ

Андозаи миёнаи нафақаи иҷтимоӣ – 201,52 сомонӣ

# 3. ПАСАНДОЗҲОИ НАФАҚА

**Мувофиқи Дастуруламал «Дар бораи тартиби муайян намудани талабот, маблағгузорӣ, пардохти нафақа ва иловапулию кӯмакпулиҳо ба нафақагирон тавассути кортҳои пластикии бонкӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор», ки бо Фармоиши муштараки Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло мақомоти алоҳида - Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" аз «19» апрели соли 2010, №38 ва № 50 тасдиқ карда шудааст, пасандозҳои нафақаи шаҳрвандон амалӣ карда мешавад.**




СБЕРЕГАТЕЛЬНАЯ
КНИЖКА
ОЩАДНА КНИЖКА • АШЧАДНАЯ КНІЖКА
ОМОНАТ ДАФТАРЧАСИ • САҚТЫҚ КІТАПШАСЫ
საშემნახველო წიგნაკი • ӘМАНӘТ КИТАБЧАСЫ
TAUPOMOJI KNYGELĖ • КЭРТИЧИКА КАСЕЙ ДЕ ПЭСТРАРЕ
KRĀJKASES GRĀMATIŅA • САКТЫК КИНЖКАСЫ
ДАФТАРЧАИ АМОНАТӢ • ԽՆԱՅՈՂԱԿԱՆ ԳՐՔՈՒՅԿ
АМАНАТ КИТАПЧАСЫ • HOIURAAMAT


АМОНАТБОНК
КОРТИ
МИЛЛӢ
VALID
THRU

Аз тарафи Амонатбонк ба нафақахӯр корти милии бонкии нафақавӣ таҳия гардида, пешниҳод карда мешавад. Бо хоҳиши нафақахӯр имкон ҳаст, ки маблағи нафақа бо тартиби кушодани ҳисобӣ амонатӣ ва гирифтани дафтарчаи амонатӣ (Сберегательная книжка) ба муҳлати муайян (мисол: як ё ду сол) пасандоз карда карда шавад, ки ба он маблағҳои ҷамъшуда дар охир фоизи солонаи муайян намудани бонкӣ (16% солона) низ замъ мегардад.

**Масалан:** нафақахӯр Абдуллоев А.А. мехоҳад маблағҳои нафақаи худро пасандоз намояд ва бо ин мақсад ба бонки давлатии Амонатбонк муроҷиат менамояд. Дар он ҷо ба вай дафтарчаи амонатӣ (Сберегательная книжка) кушода, маблағҳои нафақааш дар он тӯли як сол ҷамъ гардида, ба замми ин боз фоизи муайян низ пардохт карда мешавад.

Дар ҳолати дар муддати 4 моҳи пайдарпай аз ҷониби нафақагир истифода нашудани корт, рӯйхати ному насаби соҳибони кортҳои мазкур дар шакли электронӣ аз тарафи Агенти хизматрасон (шуъба ва филиалҳои Амонатбонк) ба мақомоти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои муайян намудани сабаби бозистодани ҳаракати ҳисоб маълумотнома пешниҳод мегардад, ки он аз тарафи корманди масъули мақоми таъинкунанда санҷида баромада мешавад.

Амонатбонк вазифадор мебошад, ки дар муддати 5 рӯзи корӣ маблағи нафақаҳои дар рӯйхати ном ба ном пешниҳодшуда ва маблағи ҷуброни хароҷоти бонкро, ки барои хизматрасонӣ ба андозаи маблағҳои бозпасшаванда дар ҳаҷми як фоиз гирифта шуда буд, ба суратҳисоби мақоми маблағгузор бозпас гардонад.

# 4. ИНДЕКСАТСИЯИ НАФАҚА

Мувофиқи моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” индексатсияи нафақа дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- баланд бардоштани андозаи нафақаи таъингардида мутаносибан бо индекси афзоиши нархҳо ва ё музди меҳнат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бозҳисобии андозаи сармояи нафақавии шартӣ;
- баланд бардоштани андозаи муқарраргардидаи нафақаи заминавӣ.

Тартиби индексатсияи нафақаҳо мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2015, №588 ба танзим дароварда шудааст.

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ - БАЙНАЛМИЛАЛИИ МЕҲНАТ

**Индексатсияи нафақаҳо, сармояи шартии нафақавӣ ва муайян намудани фоизи индексатсия дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия**

**4 августи соли 2020** **№ 1580**

HELVETAS
TAJIKISTAN



Тартиби мазкур мутобиқи қисми 3 моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таҳия гардида, тартиби индексатсияи қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ, нафақаҳои меҳнатӣ (бе назардошти иловапулию пардохтҳои иловагӣ) ва сармояи шартии нафақавии шахсони суғурташударо муайян менамояд.

# ИНДЕКСАТСИЯИ НАФАҚАҲОИ МЕҲНАТӢ АЗ СОЛИ 2018 ШУРӮЪ КАРДА МЕШАВАД.

Барои индексатсия намудани нафақаҳо нишондиҳандаҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба омор, ки дар нашрияҳои расмӣ интишор мегарданд, истифода карда мешаванд.

Индексатсияи нафақаҳо аз ҷониби сохтори дахлдори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъминоти нафақа амалӣ карда мешавад.

Индексатсияи қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ ва нафақаҳои меҳнатӣ ҳар сол як маротиба мутобиқи сатҳи индекси нархҳои истеъмолӣ дар ҷумҳурӣ дар соли молиявии гузашта, амалӣ карда мешавад.

Андозаи нафақаҳо бинобар индексатсияи даромади аҳолии бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд карда мешаванд.

# 5. ТАБДИЛ ДОДАНИ ҲУҚУҚҲОИ НАФАҚА

**Яке аз шаклҳои интихоби нафақа мебошад, ки тавассути мақомоти ваколатдор дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба шаҳрвандон пешниҳод карда мешавад.**

**Мувофиқи муқаррароти моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” - Ба шахсоне, ки дар як вақт ҳуқуқи гирифтани нафақаҳои гуногунро доранд, мувофиқи интихобашон як нафақа таъин карда мешавад.**



Масалан: шаҳрванд дар сурати вафоти ҳамсараш - зан ё шавҳар, ки нафақа мегирифт, ҳуқуқ дорад, ки аз ҳаҷми нафақаи муайяншудаи худ даст кашида, нафақаи ҳамсарашро гирад. Барои ин ба шаҳрванд зарур мебошад, бо ариза ба Раёсати (шуъбаи) суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи ҷои истиқомати худ бо ариза муроҷиат намуда, ҳуҷҷатҳои дахлдорро пешниҳод намуда, нафақаи худро табдил диҳад.

Нафақахӯрро аз як нафақа ба нафақаи дигар мақомоти ваколатдор мегузаронад.

Нафақахӯр аз рӯзи супурдани аризаи дахлдор ва тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз як нафақа ба нафақаи дигар гузаронида мешавад.

## Намунаи ариза:

Шакли№5
Бо Фармоипш Директори Агентии суғуртаи
иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурни Тоҷикистон аз
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ гардидааст

Ба раёсати (шуъбаи) Агентии сугуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи)________________

# АРИЗА

## дар бораи аз як намуди нафақа ба намуди дигари он гузаронидан

**Аз «______»_____ соли 2022** **ш. Душанбе**

**Дар баробари аризаи худ хоҳиш менамоям, ки дар асоси моддаи 43 Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми таъминоти нафақа, нафақаи манро ба намуди нафақа зерин гузаронед:**

HELVETAS TAJIKISTAN

# 6. АЗ НАВ ҲИСОБ КАРДАНИ НАФАҚА

**Мувофиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз нав ҳисоб кардани нафақа пешбинӣ шудааст, ки тибқи моддаи 115 Қонуни мазкур - Нафақа дар асоси ҳуҷҷатҳои синну сол, собиқаи корӣ, музди меҳнат ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки дар парвандаи нафақа то лаҳзаи азнавҳисобкунӣ мавҷуд мебошанд, инчунин ҳуҷҷатҳои иловагие, ки онҳоро нафақахӯр то лаҳзаи азнавҳисобкунӣ пешниҳод кардааст, аз нав ҳисоб карда мешавад.**

Агар нафақахӯр баъдтар ҳуҷҷатҳои иловагиеро (дар хусуси собиқаи корӣ, музди меҳнат, вазъи оилавӣ ва ғайра), ки ҳуқуқи минбаъдаи зиёд кардани нафақаро медиҳанд, пешниҳод намояд, нафақа бинобар татбиқи Қонуни мазкур аз нав дар асоси меъёрҳои Қонун ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҳол нафақа аз рӯи мӯҳлатҳое, ки дар моддаи 93-юми Қонуни мазкур зикр гардидаанд, аз нав ҳисоб карда мешавад.



Нафақаҳое, ки мувофиқи қонунгузории пештар амалкунанда таъин гардидаанд, бо интихоби нафақахӯр аз музди миёнаи моҳонаи 5 сол ё 2 соли пеш аз татбиқи Қонуни мазкур барои категорияҳои дахлдори нафақахӯрон ё пеш аз таъини нафақа ё аз музди маҳнате, ки пештар нафақа ҳисоб карда шуда буд, аз рӯи ҳуҷҷатҳои дар парвандаи нафақа буда, аз нав ҳисоб карда мешавад.

Зимни аз нав ҳисоб кардани нафақа, аз музди маош тибқи индекси афзоиши музди миёнаи моҳона дар ҷумҳурӣ барои даврае меафзояд, ки аз лаҳзаи ҳисоб кардани  нафақа, гузаштааст.

HELVETAS TAJIKISTAN

# АНДОЗАИ НАФАҚА ТИБҚИ МУҚАРРАРОТИ ҚОНУНИ МАЗКУР ДАР ҲОЛАТҲОИ ЗЕРИН БОЗҲИСОБӢ МЕШАВАД :

- ба намуди дигари нафақа гузаштан;
- тағйир ёфтани гурӯҳи маъюбӣ;
- тағйир ёфтани теъдоди аъзои ғайриқобили меҳнати оила, ки бо нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон таъмин карда мешаванд.
- давом додани фаъолияти меҳнатӣ ва пардохти саҳмҳои суғуртавӣ баъди таъини нафақа;



HELVETAS
TAJIKISTAN



# ТАШАККУР!!!